# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии такрории Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа), профессор Қодиров К.Б. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа), профессор Зиёев И.Ғ. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа) Самиев Б.Ҷ. (аъзо) диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбониро дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, мавриди ташхиси такрорӣ қарор дода, бо хулосаи комиссияи ташхисии аввала доир ба аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ мувофиқ мебошад. Воқеан:

1. Диссертатсия ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи таърихи фалсафа бахшида шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки тавассути далелҳои муътамади илмӣ муҳимияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро исбот намояд. Комиссия бо андешаи диссертант дар мавриди он, ки дар фазои фарҳангии замони муосир, дар Тоҷикистон раванди бунёд ва ташаккули давлатдории миллӣ ва дар шароите, ки масоили ахлоқӣ ба мушкилоти гуногун мувоҷеҳ гардида, мавқеи муносибатҳои инсонӣ, аз ҷумла инсондӯстӣ, эҳсоси ҳамдардӣ, адолату таҳаммулпазирӣ ҳамчун масоили марказии ахлоқ ва инсонсоз заиф гаштаанд ва дар шароите, ки рӯҳи ҳаёти маънавии ҷомеа, арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони созанда камарзиш ва аз назар дур гардидааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи мардумони тоҷику форс муҳим ва барои ҷомеаи муосири тоҷик актуалӣ мебошад, комилан мувофиқ аст.

2. Дар мавриди мувофиқати диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, низ мувофиқ ҳастем. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ дар

асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда ва андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 1 монография ва 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Амирхон Ш.Т. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Амирхон Ш.Т. маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои

фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Диноршоева Зарина Мусоевна – доктори илмҳои фалсафа, сарходимии илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М.Баҳовиддинови АМИТ;
- Султонзода Соқӣ Аслон – доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;
- Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Амирхон Ш.Т. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи такрорӣ ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Қодиров К.Б.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Зиёев И.Ғ.

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Самиев Б.Ҷ.

28.09.2023